**07.00.00.ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА БОСТОНШИНОСӢ**
**07.00.00.ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ**
**07.00.00.HISTORICAL SCIENCES AND ARCHEOLOGY**

07.00.02. ТАЪРИХИ ВАТАН
07.00.02. ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ
07.00.02.HOME HISTORY

***ТДУ 930.85 (100)***
***ТКБ 63.2.1***

# *ВАЗЪИЯТИ ДОХИЛИИ ХОНИГАРИИ БУХОРО ДАР ЗАМОНИ ҲУКМРОНИИ ДОНИЁЛБИЙ*

***Ҷӯразода Ҷамшед Ҳабибулло,*** *д.и.т., профессор, ректори МДТ «ДДХ ба номи акад.Б. Ғафуров»(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *ПОЛОЖЕНИЕ В БУХАРСКОМ ХАНСТВЕ ВО ВРЕМЕНА ПРАВЛЕНИЯ ДАНИЯЛБИЯ*

***Джуразода Джамшед Хабибулло,*** *д.и.н., профессор, ректор ГОУ «ХГУ имени акад.Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

# *INNER PLIGHT OF BUKHARA KHANATE REFERRING TO THE PERIOD OF DONIYOLBI RULE*

***Jurazoda Jamshed Habibullo,*** *Dr. of History, Professor, Rector of the State Educational Institution "KhSU named after acad. B.Gafurov(Tajikistan,Khujand),*
***E-mail****:juraboev.jh@gmail.com*

***Вожаҳои калидӣ:*** *сулолаи манғитҳо, шӯришҳо, низоъҳои дохилӣ, оталиқ, хон, мулкҳои тобеъ*

*Мақола ба масъалаи инъикоси вазъи дохилии хонигарии Бухоро дар аҳди Дониёлбий (солҳои 1758-1785) бахшида шудааст. Муаллиф масъалаи мавриди баҳсро дар такя ба сарчашмаҳои хаттӣ ва тадқиқоти олимон, таҳлил намудааст. Кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки масъалаҳои шиддат гирифтани вазъияти умумии сиёсӣ, роҳҳои бартараф намудани низоъҳои дохилӣ, ором кардани қабилаҳои шӯришгар, мубориза алайҳи истиқлолталабии мулкҳои алоҳида дар қаламрави хонигарии Бухоро ҳамаҷониба баррасӣ гарданд. Дар мақола нақши Дониёлбий дар ҳаллу фасли муаммоҳо дар корҳои муҳими давлатӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.*

***Ключевые слова:*** *династия мангытов, восстания, внутренние распри, аталык, хан, подвластные владения*

*Статья посвящена раскрытию проблем внутренней обстановки Бухарского ханства, периода правления Даниялбия (1758-1785 гг.). Важнейшие вопросы исследуемой проблемы автором анализированы путем вовлечения письменных источников и научной исторической литературы. Внимание обращено раскрытию таких вопросов, как возникновение напряженной внутриполитической обстановки, пути преодоления внутренних распрей, успокоение восставших племен, борьба отдельных племен за независимость на территории Бухарского ханства. Исследована деятельность Даниялбия при решении наиболее важнейших внутренних проблем государства.*

***Key words:*** *dynasty of Mangits, uprisings, internal strife, atalik, khan, subordinate possessions*

*The article dwells on disclosure of the issues beset with internal situation of Bukhara Khanate referring to the period of Doniyolbi rule (1758-1785). The author analyzes the most important issues in reference to the problem in question by involving written sources and scientific historical literature. Particular attention is paid to the disclosure of such issues as an emergence of temporal internal political situation and the ways to overcome internal strife and to pacify the rebellious tribes, struggle of individual tribes for independence on the territory of Bukhara Khanate. The article canvasses Denmark`s activities aimed at the solution of the most important internal problems of this state.*

Марги аввалин намояндаи сулолаи манғитҳо Муҳаммад-Раҳимбий дар соли 1758 таконе барои мавҷи нави низоъҳои феодалӣ дар хонигарии Бухоро гашт. Баъзе қабилаҳои ӯзбек аз нобасомониҳои муваққатӣ истифода бурда, кӯшиш намуданд,ки табаддулоти давлатӣ ба амал оваранд ва ба ҳукмронии манғитҳо хотима бахшанд. Дар ин шароит, бинобар набудани ворис (писар) ҳокими шаҳри Кармина, амаки Раҳимбий - Дониёлбий (1758-1785) ба тахти хонигарии Бухоро нишаст. Дониёлбий писари Худоёрбий буд, ки ҳангоми лашкаркашии Нодиршоҳ ба Афғонистон ба тарафи ӯ гузашт ва ҳокими Кармина таъин шуд [6,с.43]. Ҳокими нав (Дониёлбий) аввал бар хонигарии Бухоро ҳамчун (регент)- и набераи Раҳимбий - Фозил-тӯраи

нoболиғ мавқеъ касб намуд[14,с.277]. Яъне худи Дониёлбий ба мансаби оталиқ нишаст, ҳарчанд дар асл тамоми қудрат дар дасти ӯ буд.

Дар маъхазҳои таърихӣ дар бораи шароити ба қудрат омадани Дониёлбий фарзияҳои гуногун оварда шудаанд. Маълумоти муфассал (иттилооти расмӣ) дар бораи даҳсолаи аввали салтанати Дониёлбий дар "Тухфат- ул-хонӣ" -и Муҳаммад Вафои Карминагӣ оварда шудааст. Тибқи ин манбаъ, соле, ки Дониёлбий ба тахт нишаст, вазъи сиёсӣ ором буд, аммо баъдан низоъҳои дохилӣ шурӯъ шуданд ва ӯ маҷбур шуд бар зидди ҷудоихоҳон мубориза барад.

Дар худи Бухоро Норбутабий кӯшиш кард, ки қудратро ба даст оварад, аммо ӯ пирӯз шуда натавонист ва ба Қаршӣ бадарға шуд. Норбутабий (ҳангоми дар Қаршӣ будан) бо ҳамроҳии ҳокимони Шаҳрисабз ва Ғузор, соли 1771 боз як шӯриши номуваффақро бар зидди Дониёлбий ташкил кард. Ба хонигарии Бухоро муяссар гардид, ки Қаршӣ, Шаҳрисабз, Ҳисор ва як қатор шаҳри дигарро тобеъ кунад. Шӯришҳои қабилавӣ дар Ӯротеппа бо сардории Фозилбий, дар Кармина бо сардории Нақиб Муҳаммад Амин-Хоҷа ба вуқӯъ пайвастанд.

Қабилаҳои беркут, кенагас, йетти уруғ, қӯнғирот, сарой низ бар зидди хони нави манғитҳо шӯриш бардоштанд[14,с.277]. Бояд гуфт, ки ин қабилаҳоро замоне Раҳимбий маҷбуран ба Ҳисор кӯчонида буд. Тибқи гуфтаи Мирзо Абдул Азим Сомӣ, соли 1759 ҳокимони Кармина (Муҳаммад Амин-Хоҷа Нақиб) ва Нурота (Ёдгор беркут) бар зидди Дониёлбий шӯриш бардоштанд. Дониёлбий хеле зуд онҳоро мағлуб кард ва минтақаи Карминаро ба ҳайати давлати худ дохил намуд[9,с.50].

Сабаби исёнҳо дар он буд, ки қабилаҳои гуногуни Мовароуннаҳр манғитҳоро ғасбкунандаи қудрат медонистанд. Зеро онҳо (манғитҳо) ба хонаводаи чингизиён тааллуқ надоштанд. Ҳақиқати ҳол он аст, ки дар Осиёи Миёна принсипи чингизӣ-генеалогии қонунигардонии ҳокимият риоя мегашт[1,с.80]. Пешвоёни қабилаҳо ва қавмҳои мухталиф аз сиёсати манғитҳо норозӣ буданд. Бисёре аз пешвоёни қабилаҳо мекӯшиданд, ки қудрати манғитҳоро заиф созанд, бо ҳар роҳ онҳоро ба низои қабилавӣ равона созанд. Аммо Дониёлбий бо мақсади пешгирӣ аз исёни наздиконаш, онҳоро аз сари қудрат дур кард.

Дар асари дастаҷамъии «Таърихи Самарқанд: аз замонҳои қадим то Инқилоби Кабири Сотсиалистии Октябр» рӯйдодҳои сиёсии он замон, алалхусус муқовимати ҳарбии ҳокими Ӯротеппа ва Хуҷанд Фозилбий бо Дониёлбий таъкид шудааст. Фозилбий бо мақсади ғасби ҳокимият дар хонии Бухоро, ба сӯи Самарқанд далерона лашкаркашӣ анҷом дод[7,с.265]. Вай Ҷиззах, Хатирчӣ, Катта-Қӯрғон ва Самарқандро забт кард. Ӯ ният дошт, ки Бухороро низ забт кунад. Тавре ки академик Аҳрор Мухторов қайд мекунад, баъдтар Фозилбий ба Кармина рафт, ки дар он ҷо амири ояндаи Бухоро-Шоҳмурод ҳоким буд. Аз шикаст хӯрдани Кармина ба ҳарос афтода, хони нав Дониёлбий аз Бухоро барои кумак ба Шоҳмурод шитофт[15,с.71].

Лашкари Бухоро дар ҷанги асосӣ, ки дар наздикии шаҳри Кармина сурат гирифт, ба Фозилбий, ки ба Самарқанд ақибнишинӣ кард, зарбаи қатъӣ зад. Муҳаммад Вафои Карминагӣ корнамоии писари калонии Дониёлбий-Шоҳмуродро дар ин ҷанг махсусан таъкид кардааст[14, с.285]. Дониёлбий аз ин музаффарият илҳом гирифта, ба зудӣ чунин мулкҳои мустақил, ба монанди Қаршӣ, Нурато, Миёнколро ғасб кард ва ба муҳосираи Самарқанд шурӯъ намуд. Дар давоми муҳосираи 50-рӯзаи шаҳр, Дониёлбий Самарқандро забт карда натавонист, амир муҳосираи шаҳрро қатъ намуда, ба Бухоро баргашт[3,с.118].Ин вазъ иттифоқчиёни Фозилбийро ором кард ва онҳо ӯро тарк карданд. Худи Фозилбий писари хурдиаш Бобобийро ҳокими Самарқанд таъин карда, ба Уротеппа баргашт[15,с.71-72]. Аммо дере нагузашта бо сабаби номаълум Бобобий шаҳри Самарқандро ба хони Бухоро таслим кард. Фозилбий маҷбур шуд ин ҳолатро эътироф кунад. Гузашта аз ин, ӯ ҳатто ҷасорат пайдо намуда, ба Бухоро ба назди Дониёлбӣ омад, якҷоя бо қувваи ҳарбии хон барои забти Қаршӣ рафт ва онро аз дасти иттифоқчии собиқи худ Бекназарбий ғасб намуд. Пас аз он Фозилбий бо иззату икром ба Ӯротеппа баргашт[15,с.72]. Маъхазҳо инчунин шӯришҳои дигарро алайҳи Дониёлбий сабт кардаанд. Аз ҷумла, дар давоми солҳои 1759-1761 даар водии Зарафшон, қабилаҳои йетти уруғ "ҳафт қабила", узбекҳои қабилаҳои юз, беркут ва хитой, туркманҳои зарафшонӣ шӯриш бардоштанд[5,с.10] ва инчунин кӯшиши табаддулоти давлатии Норбутабий (падари хон Фазил-тӯра) ба вуқӯъ пайваст[9,с.49-50]. Тавре ки таъкид гардид, Дониёлбий алайҳи шӯришгарон чораҳои қатъӣ андешид, Нарбутабийро бо Фозил-тӯра ба Қаршӣ фиристод ва охиринро ҳокими ин мулк таъин кард. Аммо Норбутабий бо ин ором нашуд, бо ҳокимони Шаҳрисабз ва Ғузор забон як карда, алайҳи Дониёлбий исёни ҳарбӣ ташкил кард. Тибқи маълумоти

Муҳаммадшарифҷон Садри Зиё, ҳокими Бухоро тавонист исёнро саркӯб кунад ва Шаҳрисабз ва Ғузорро тобеъ намояд[11,с.188].

Дар чунин шароит, Дониёлбий як манёври сиёсиро ба амал овард, ӯ ба тахти Бухоро аз насли чингизӣ Абдулғозихон- набераи Абулфайзхонро нишонд. Тавре Муҳаммад Вафойи Карминагӣ қайд мекунад, Дониёлбий "устодони бузург, аҳли қудрат ва дигар ходимони давлат"-ро ҷамъ оварда, Абдулғозихонро ба тахт баровард ва фармуд, ки хутбаҳои ҷумъа аз номи ӯ хонда шаванд ва тангаҳо ба номи ӯ сикка зада шаванд, барои ӯ қаср ва хонае бисозанд ва маблағҳои заруририро барои зиндагӣ ҷудо кунанд[14,с.242-246].

Дониёлбий парастор (регент)-и Абдулғозихон гардид. Дар асл, қудрати Абдулғозихон рамзӣ ва ба ном ташкил карда шуда буд, яъне вазифаи ӯ ифтихорӣ буд. Кишварро Дониёлбий бо унвони "атолиқ" идора мекард. Тибқи гуфтаи Сомӣ, "Абулғозихон бо унвони хон, бо як пора нон қаноат карда, зиндагии хушҳолона мегузаронид." Хони нав (Абулғозихон) ба ном сарвари давлат буд, аммо аз номи ӯ тангаҳо бароварда мешуданд. Бе ризоияти атолиқ, Абулғозихон ҳатто ҷуръат карда наметавонист,ки аз хона барояд. Вазифаҳои ӯ аз он иборат буд, ки ӯ рӯзҳои ҷумъа либоси боҳашамати хонро пӯшида, дар толори тамошобинон - куриниш-хона менишаст, ки дар он ҷо ҳама шахсони мансабдор, аз ҷумла Дониёлбий ба наздаш меомаданд. Дар охири маросим, ҷомаи фохираи ҷашнӣ аз хон гирифта, бо ҳамроҳии як нафар хизматчӣ ба манзилаш фиристода мешуд. Абулғозихон ҳатто дар қасри Арк зиндагӣ намекард.

Ҳамзамон, ба тахт нишастани Абдулғозихон тамоми ошӯбгаронро, ки қабилаҳо ва тарафдоронашонро ба шӯриш ташвиқ менамуданд ором карда натавонист.

Филипп Ефремов, ки ба асорати Бухоро афтода буд, дар бораи мақоми Дониёлбий чунин хабар медиҳад: «Атолиқ (ба монанди вазир) ба сифати сардор, ҳокими муҳим ва худидоракун дар умури дохилӣ ва хориҷӣ, инчунин фармондеҳи кулли лашкар, сарвари гвардияи посбонон, ки пас аз ӯ ду юзбошӣ, ки ҳар яке ба сад нафар фармондеҳӣ мекарданд, фаъолият дошт"[4,с.215].

Илова бар ин, Муҳаммад Вафойи Карминагӣ, Муҳаммад Яъқуб, Мулло Олим Махдум Хоҷӣ, Муъин, Мирӣ, Ҳумулӣ ва дигар муаррихон дар бораи қонунигардонии қудрати Дониёлбий гузориш медиҳанд. Чунончӣ, Муҳаммад Яъқуб, ба дасти Дониёлбий гузаштани қудратро тасдиқ намуда, қайд мекунад, ки дар ҳама корҳои муҳими давлатӣ бо рӯҳониён машварат карда, бе ризоии онҳо қадаме нагузоштааст[13].Ин далелро муаллифи китоби "Таърихи Туркистон" Мулло Олим Махдум Ҳоҷӣ тасдиқ мекунад. Ба гуфтаи ӯ, дар идораи давлатӣ нуфузи кушбегӣ Давлатбий ва қозӣ Низомиддин махсусан баланд буд. Рисолаи "Таърихи Хумулӣ" низ мавқеи махсуси рӯҳониён ва ашрофонро тасдиқ мекунад [16,с.26-27].

Баъзе муаллифон дар бораи мустақилияти Дониёлбий дар идоракунии давлатӣ гузориш медиҳанд. Масалан, Мирӣ (Мир Ҳусайн ибни Шоҳмурод) дар «Махозин ат-тақво» қайд мекунад, ки номи Дониёлбий дар намозҳои ҷумъа ва дар тангаҳо зикр шудааст[10,с.113].

Маъхазҳо дар бораи вазъи сиёсӣ ва иқтисодии хонигарии Бухоро дар давраи Дониёлбий маълумоти зиддунақиз медиҳанд. Баъзеҳо гузориш медиҳанд, ки Дониёлбӣ кӯшиш кард, ки тартиботро барқарор кунад, кишварро ба роҳи шукуфоӣ равона созад, дар беҳбудӣ, болоравии кишвар саҳм гузорад[12,с.5]; дигарон таъкид мекунанд,ки "ихтилофи ошкоро дар умури давлат ва дин" вуҷуд дошт[2,с.27].Аз маълумотҳои таърихшиноси Бухоро ва писари Дониёлбий Муҳаммад Яъқуби Бухорӣ маълум мешавад, ки вазъи оммаи аҳолии шаҳр ва деҳот дар давраи баррасишаванда ба таври назаррас бад шудааст. Ба ин на танҳо шиддат гирифтани вазъияти умумии сиёсӣ дар хонавода, балки ҷорӣ намудани як қатор андози нав, ки ҳатто дар шароити он замон ғайриқонунӣ ҳисобида мешуданд, яъне бо норозигӣ бо меъёрҳои шариат мусоидат мекарданд. (ясак, салик, ярғу ва ғ.) мусоидат намуданд[5,с.105]. Дониёлбий қудратро дар дасти худ мустаҳкам дошт ва дар канори худ на танҳо артиш, балки рӯҳониён ва шайххҳои бонуфузи сӯфиёнро низ ҷамъ овард. Вай барои артиш харҷашро дареғ намедошт: ба ҳайати фармондеҳӣ даромад аз ҳисоби замин - "танҳо" дода мешуд. Чигунагии ин даромадҳоро аз шаҳодати сержанти рус Ф.С.Ефремов – собиқ ғуломи Дониёлбий, ки то рутбаи юзбошӣ хидмат кардааст, гирифтан мумкин аст.Ӯ қайд мекунад, ки «барои ӯ замин, ки аз он солона то 300 червонӣ ҷамъоварӣ карда мешуд, ва он дар Русия ба 3 рубл иваз мешуд, тақдим мегашт»[17,с.122]. Бо назардошти арзонии онвақтаи ҳаёти Бухоро, эътироф бояд кард, ки барои хидмати капитани лашкар Ф.С.Ефремов, ки рутбаи юзбоширо дошт, маоши кофӣ прадохт карда мешуд. Тибқи мушоҳидаи Ф.С.Ефремов, Дониёлбӣ то 10 ҳазор лашкар дошт. Танҳо як қисми ночизи навкарҳо таппончаҳои гугирдӣ (фитилӣ) доштанд, дар ҳоле ки аксарият бо найза ва шамшер мусаллаҳ буданд[8,с.38].

Тавре Муҳаммад Яъқуби Бухорой менигорад, Дониёлбий ҳамчун ҳокими саховатманд ва башардӯст шӯҳрат пайдо кард, аммо ба корҳои давлатӣ, бавижа корҳои молиявӣ камэътибор буд. Вай дар тӯли 27 соли ҳукмронии худ барои такмил ва рушди иқтисод ва фарҳанги кишвар хеле кам кор кардааст. Салтанати ӯ нисбат ба таҳкими низоми давлатӣ, ба харобшавии он мусоидат кард[6,с.45]. Тавре олими олмонӣ Анке Фон Кюгелген қайд мекунад, Дониёлбий бо диндории баланд ва ростқавлӣ фарқ мекард, ӯ ҳамчун ҳоким бо кӯмаки писараш (Шоҳмурод) кӯшиш кард, ки дар кишвар тартибот барқарор кунад ва исломро мустаҳкам кунад[1,с.320].

Рақибони Дониёлбий кӯшиш карданд, ки "улуси манғитиҳо" ("улуси манғития") -ро комилан нест кунанд ва мехостанд бо куштори Муҳаммад Раҳимхон ва қавми ӯ хусумати хунӣ анҷом диҳанд. Дар натиҷаи исёнҳо як қатор шаҳр, деҳот ва қалъаи муҳим мустақил шуданд, пеш аз ҳама Шаҳрисабз истиқлол ба даст овард, минтақаҳои васеи Миёнқол, Қаршӣ дар якҷоягӣ бо бисёр қалъаҳои наздик, инчунин Самарқанд мустақил гаштанд[1,с.81].

Ҳамин тавр Даниёлбий алайҳи қувваҳои марказгурез мубориза бурда, бо кӯмаки писараш Шоҳмурод тавонистааст бисёр мулкҳои Мовароуннаҳрро тобеъ кунад. Ба Дониёлбий муяссар шуд, ки корҳои давлатро каму беш ба эътидол орад. Дониёлбий соли 1785 даргузашт ва дар назди қабри Баҳоуддини Нақшбанд дар Бухоро дафн карда шуд. Пас аз Даниёлбӣ ворис ва писари калонии ӯ Шоҳмурод ба қудрат омад, ки ӯ унвони "Амир ул-умаро" ва мансаби атоликро соҳиб шуд.

**ПАЙНАВИШТ:**

1. Анке фон Кюгельген. Легитимация среднеазиатской династии мангытов в произведениях их историков (XVIII – XIX вв.) . -Алматы: Дайк–Пресс, 2004. -516 с.
2. Ахмад, Дониш. История мангитской династии.-перевод, предисловие и примечание И.А.Наджафовой/А.Дониш.-Душанбе.- 1967. -142 с.
3.Джурабаев, Д.Х. Политическая история Бухарского ханства во второй половине XVIII – середины XIX вв. (по материалам письменных источников) / Д.Х. Джурабаев.-Худжанд: Ношир, 2013. -318 с.
4.Ефремов, Ф. Странствование Филиппа Ефремова в киргизской степи, Бухарии, Хиве, Персии, Тибете и Индии и возвращение его оттуда чрез Англию в Россию//Ф.Ефремов/ Путешествия по Востоку в эпоху Екатерины II. -М.: Восточная Литература, 1995. -336 с.
5.Иванов, П.П. Очерки по истории Средней Азии (XVI - середина XIX в.)/П.П.Иванов.–Москва: Восточная литература, 1958. - 247 с.
6.Исмаилова, Б. История Бухарского эмирата (втор. пол. XVIII-сер. XIX вв.)/Б. Исмаилова. – Худжанд: Нури маърифат, 2005.-296 с.
7.История Самарканда. Т.1. С древнейших времен до Великой Октябрьской Социалистической Революции / Отв.ред. И.М. Муминов. – Ташкент: Фан, 1969. -484 с.
8.История Узбекской ССР / Вахабова М. Г., Непомнина В. Я., Кары-Ниязова Т. Н. — Т. : АН УзССР, 1956. — Т. 1, кн. 2. -500 с.
9.Мирза, Абд ал-Азим Сами. Та’рихи салатини мангитийа. (История мангытских государей) // Издание текста, предисловие, перевод и примечания Л.М. Епифановой. -Москва,1962.-179 с.
10.Мирӣ, (Мир Ҳусайн б. Шоҳмурод). «Махозин ат-тақво». Дастхати ИШАИ ҶӮз. рӯйхат №51,
11.Муҳаммад, Шарифҷон. Садри Зиё. Маҷмӯа. Зикри салтанати хонадони манғития дар Бухоро /Муҳаммад Ш.// Дастхат.ИШҶУзб. Рӯйхати № 2193.
12.Муҳаммад, Яъқуб ибн амир Донийолбии Бухорӣ. Рисола.Дастхати Филиали Санкт-Петербургии институти шарқшиносии Академияи илмҳои Россия (ФСПИШАИР) Рӯйхат №С1934.
13.Муҳаммад, Яъқуб ибн амир Донийолбий Бухорӣ. Гулшан ул – мулук.Дастхат.ИШАМИҶТ. Рӯйхат № 108 2663.
14.Мухаммад, Вафойи Карминагӣ. «Тӯҳфат-ул-хонӣ» (Тарихи Раҳимхонӣ).Дастнавис. ИЗАШАМИҶТ. Рӯйхат №1426.
15.Мухтаров, А.М.История Ура-Тюбе(конец XV-начало XX вв.)/А.М.Мухтаров.-М.,1998.-278 с.
16.Ражабов, Қ. Муҳаммад Дониёлбий оталиқ (бийлик мансабидан амирлик рутбасигача)//Қ. Ражабов/Бухоро мавжлари.-2005.- №4.-Б.26-27.
17.Тревер, К. В. История народов Узбекистана: в 2 т./Якубовский А.Ю.и Воронец М.Э.; Непомнин В. Я. и Шишкин В. А. — Т. : АН УзССР, 1947. — Т. 2. -514 с.

**REFERENCES:**

1. Anke von Kugelgen. Legitimation of the Central Asian Mangyt Dynasty in the Works of their Historians (XVIII - XIX centuries). - Almaty: Dike-Press, 2004. -516 p.
2. Ahmad, Donish. The History of the Mangit Dynasty. Translated, prefaced and noted by I.A. Najafova. - Dushanbe. - 1967. -142 p.
3. Jurabaev, J.Kh. Political History of Bukhara Khanate Referring to the second half of the XVIII-th – the middle of the XIX-th Centuries. (Based on written sources) / J.Kh. Jurabaev. - Khujand: Publisher, 2013. -318 p.
4. Efremov, F. The Wandering of Philip Efremov in Kyrgyz Steppe, Bukhara, Khiva, Persia, Tibet and India and his Return from there through England to Russia//Travels in the East in the Era of Catherine II.-M.: Oriental Literature, 1995. -336 p.
5. Ivanov,P.P.Essays on the History of Central Asia (XVI-mid-XIX cc.).–M.:Oriental Literature,1958.-247 p.
6. Ismailova, B. The History of Emirate of Bukhara (referring to the second half of the XVIII-th the middle of the XIX-th centuries) / B. Ismailova. – Khujand: Light of Enlightenment, 2005. - 296 p.
7.The History of Samarkand. -V.1. From Ancient Times to the Great October Socialist Revolution / Editor-in-charge: I.M. Muminov. - Tashkent: Science, 1969. -484 p.
8.The History of the Uzbek SSR / Vakhabova M.G., Nepomnina V.Ya., Kary-Niyazova T.N. – Tashkent.: The Academy of Sciences of the Uzbek SSR, 1956. - V. 1, Book. 2. - 500 p.
9. Mirzo, Abd al-Azim Sami. The History of Mangyt Sovereigns) // Edition of text, preface, translation and notes by L.M. Epifanova. - Moscow, 1962. - 179 p.
10.Miri, (Mir Husain B. Shomurod). “Makhozin at-taqvo”. Manuscript of the Uzbek SSR №51,
11.Muhammad, Shariffon. Sadri Ziyo. Collection of articles. Mention of Manghit Dynasty in Bukhara // Manuscript of the Uzbek SSR. No. 2193.
12.Muhammad, Ya'ub ibn Amir Doniyolbi Bukhoroi.A Treatise of Dasghati Branches of St. Petersburg Institute of Oriental Studies under the Sciences of Russian Federation Academy. No. C.1934.
13.Muhammad, Yaub ibn Amir Doniyolbi Bukhoroi. Gulshan-ul-muluk. Manuscript of the Institute of Language and Literature under the Academy Sciences of TR No. 108 2663.
14.Muhammad, Vafoi Karminagi. “Tuhfat-ul-khoni”. Manuscript of the Institute of Language and Literature under the Academy Sciences of TR. No. 1426.
15.Mukhtarov, A.M. The History of Ura-Tube (late XV - early XX centuries) / A.M. Mukhtarov. - M., 1998. -278 p.
16.Rajabov, K. Muhammad Doniyolbi otalik (biylik mansabidan amirlik rutbasigacha) // Waves of Bukhara. - 2005.- №4. – P. 26-27.
17.Trever, K.V. The History of the Peoples of Uzbekistan: in 2 volumes/ Yakubovsky A. Yu. and Voronets M. E.; Nepominin V.Ya. and Shishkin V.A.–Tashkent:AN UzSSR,1947.-V.2.-514 p.